*«Садои Шарқ», No 3,*
*1973, с. 142-144*

# Афкори Хатиб

Малик Маҳмудов. Хатиби Табризӣ.
Ҳаёт ва эҷодиёт. Шаҳри Боку, нашриёти
«Илм», 1972. (Ба забони озарӣ).

Хатиби Табризӣ аз ҷумлаи донишмандони забардасти асри XI аст. Дар хусуси омӯзиши ҷараёни зиндагӣ ва мероси адабию илмии Хатиби Табрезӣ дар Иттифоқи Советӣ бештар аз ҳама олимони Озарбойҷон, ҳамчун Урдубодӣ, Ҳамид Араслӣ, Фируз Содиқзода ва дигарон ташаббус нишон додаанд, ки шоистаи таҳният аст. Аз муҳаққиқони осори Хатиб, махсусан Малик Маҳмудов суботкорӣ зоҳир карда истодааст, ки ба ин рисолаи нави ӯ мисол шуда метавонад.

Асари Малик Маҳмудов аз се фасли асосӣ иборат буда, дар онҳо замони зиндагии Хатиб, ҳаёт, осор ва мавқеи ӯ тадқиқ карда шудаанд.

Муаллиф баъди дар боби аввал мухтасаран шарҳ додани вазъияти сиёсии таърихӣ, ҳаёти адабию илмии асри XI ва таҳқиқи ҷараёни зиндагии Хатиб ба омӯзиши осори ӯ мепардозад ва «Шарҳ-ул-қасоид-ул-ушр», «Шарҳи қасидаи Баноти Суод», «Шарҳ ал-Максурат ли ибни Дурайд» ва ғайраро номбар мекунад. Аммо муҳаққиқ дар бораи «Шарҳи девони Аби Тамом», «Шурӯҳи «Сиқт-аз-Занд», «Шарҳ-ал-ҳамосати» барин асарҳои Хатиб нисбатан батафсил таваққуф мекунад ва сабаби ин кори ӯ дар он аст, ки асарҳои зикршуда дар осори Хатиб мавқеи намоёнро ишғол мекунанд.

Хатиби Табризӣ ҳамчун донишманди адабиёт шинохта шудааст. Ӯ дар асарҳои тафсирии худ оид ба масъалаҳои гуногуни эҷоди бадеӣ изҳори ақида намудааст, ки баъзеи он фикрҳо ҳоло низ қимати тарбиявии худро гум накардаанд. Чунончи, ӯ махсусан дар «Шарҳ ал-ҳамосати», «Шарҳи девони Аби Тамом» ва дигар асарҳояш зимни тафсиру тавзеҳи шеърҳои шоирони араб оид ба вазифаҳои иҷтимоии адабиёти бадеӣ, роҷеъ ба ваҳдати мундариҷа ва шакл изҳори ақида намудааст. Мувофиқи фикри ӯ, дар шеър бояд ҳаёти халқ ва ходисаву воқеаҳои муҳимми рӯзгор инъикос ёбанд. Назар ба қавли Хатиб, агар дар шакли асари бадеӣ баъзе нуқсон ба назар расад ва ин нуқсон ба мазмун халал наоварад, он камбудиро айб донистан раво намебошад.

Ишораҳои Хатиби Табризӣ барои муайян кардани ҳақиқати баъзе масъалаҳои таърихи адабиёти асримиёнагии халқҳои Шарқ кӯмак расонида метавонанд. Масалан, ӯ дар «Шарҳи девони Аби Тамом» мегӯяд, ки «Агар шоирро эҳтиёҷ намебуд, ӯ ҳаргиз аҳли табақаи сарватро мадҳ намекард. Танҳо мӯҳтоҷӣ ӯро ба ин ҳолат расонидааст. Ин ақидаи Хатиби Табризӣ нишон медиҳад, ки ӯ яке аз сабабҳои иҷтимоии мавҷудияти адабиёти дарбориро дуруст сарфаҳм рафта будааст.

Хатиби Табризӣ дар таҳқиқи асарҳои шоирон на танҳо нозук рафтор карда, камоли маҳорат нишон додааст, балки ӯ масъулият ва мураккабии вазифаи танқиди адабиро ҳис карда, онро таъкид намудааст. Хатиб ба касби бисёр диққатталаби ноқиди сухан хеле боэҳтиёт менигаристааст. Ӯ ҳанӯз дар ибтидои хазорсолаи мо дуруст таъкид кардааст, ки танқиди шеър аз таълифи он душвортар аст.

Хатиби Табризӣ чи бо қайду ишораҳои худ, чи бо фаъолияти бевоситаи шореҳии худ нишон додааст, ки эҷодиёти нависандаро ҳатман алоқамандона бо замон ва шароити таърихии даври ӯ омӯхтан зарур мебошад.

Ҳангоми шарҳу эзоҳи шеърҳо Хатиби Табризӣ ба мундариҷаи ғоявии асар, матлаб ва мақсадҳои пешқадам диққати ҷиддӣ медодааст. Ӯ дар бораи ғояи ватанпарварӣ ва фазилати он махсусан таваққуф карда, аз ҷумла, дар «Шарҳ-ул-ҳамосати» менависад, ки «ватанпарварӣ хусусияти аз ҳама шоистатарини инсон мебошад, зеро он тазоҳуроти олиҷанобӣ ва камоли маънавиёт аст. Файласуфҳо мегӯянд, ки муҳаббати инсон ба ватан нишонаи камолоти ақли ӯст». Ӯ дар ҷои дигар боз таъкид кардааст, ки «муҳаббати инсон ба ватан хусусияти шарифтарин ва пурқувваттарини ӯст». Ин навъ ақидаҳои пешқадам ва ибратбахшро дар асарҳои Хатиби Табризӣ зиёд дучор кардан мумкин аст.

Рисолаи Малик Маҳмудов, ба назари мо, аз баъзе норасоиҳо низ холӣ намебошад. Чунончи, дар рисола ба масъалаи омӯзиши алоқамандонаи ақоид ва афкори Хатиби Табризӣ бо пешиниён ва донишмандони минбаъда эътибори ҷиддӣ дода нашудааст. Дар хусуси тавзеҳи баъзе таъбир ва истилоҳот низ бо муаллифи рисола батамом шарик шудан мумкин нест. Масалан, «насиб» навъи шеър දониста шудааст, ҳол он ки қисмати махсуси жанри қасидаро «насиб» мегӯянд. Ё худ, ба ривояте, ки мувофиқи он Абулало ал-Маарри дар синни чордаҳсолагӣ марсияи пурсӯзе гуфтааст, изҳори шубҳа мекунад, ки ин шубҳа, ба фикри мо, асос надорад. Дар хурдсолӣ шеър гуфтани одамони боистеъдод, ҳамчун Ҷомӣ, Бедил ва дигарон дар таърихи тамаддуни умумибашарӣ бисёр мушоҳида карда шудааст.

Рисолаи Малик Маҳмудов дар омӯзиши таърихи илми халқҳои Шарқ умуман, аҳвол ва афкори Хатиби Табризӣ махсусан қадами ҷиддие ба пеш мебошад.

**М. РАҲИМДОД**